**Хулосаи**

**комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода оид ба диссертатсияи Ғафуров Зоир Саъдуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.**

Комиссияи ташхис дар ҳайати доктори илмҳои филологӣ, дотсент Каримов Ш.Б. (раис), номзади илмҳои филологӣ, дотсент Матробиён С.Қ. (аъзо) ва номзади илмҳои филологӣ, дотсент Джамирова Л.И. (аъзо) оид ба рисолаи пешниҳодшуда ба чунин хулоса омаданд:

Диссертатсияи Ғафуров Зоир Саъдуллоевич ба **«Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** бахшида шудааст.

Воқеан, дар солҳои охир омӯзишу таҳқиқи равияҳои нав дар илми забоншиносӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ба шумор рафта, муҳаққионро водор месозад, ки доир ба равияҳову мавзуҳои нави барои рушди илму технология мусидаткунанда мароқи хосса зоҳир намоянд.

Муаллиф дар таҳқиқоти хеш бо пешниҳод намудани асосҳои кифояткунанда ва мисолҳои илман асоснокшуда собит менамояд, ки сленгҳои компютерӣ-интернетӣ вобаста ба талаботи давру замон ба миён омада, як қабати махсус ва нисбатан ҷавони лексикаро ташкил менамоянд.

Бояд тазаккур дод, ки муҳаққиқ возеҳу равшан таъкид менамояд, ки таҳқиқ ва баррасии вижагиҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бевосита ба яке аз масъалаҳои мубрам, саривақтӣ ва камомӯхташудаи забони англисӣ дар муқоиса бо забони тоҷикӣ бахшида шудааст, ки то ҳол дар шакли таҳқиқоти ҷудогона аз ҷониби муҳақиқони соҳаи забоншиносии муосири тоҷик ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст.

Пажуҳиши анҷомдодаи муҳақиқ дар баробари он, ки таърихи пайдоиш ва роҳҳои ташаккули воҳидҳои лексикӣ ё истилоҳоти нави забоншиносиро таҷассум намудааст, инчунин, ба муносибати гуногуни системаи воҳидҳои лексикӣ ва истилоҳоти нави бавуҷудомадаи забон низ равона гардидааст. Дар диссертатсия мавзуе мавриди пажуҳиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст, ки ба рушду такомули забоншиносӣ, асосан ба қисмати назарявӣ ва амалии он, ғанигардонии таркиби луғавии забони тоҷикӣ таъсири мусбии худро мегузорад.

Таҳқиқи мазкур аз нуқтаи назари илмӣ дорои аҳамияти баланди илмӣ буда, дар он навгонӣ, навоварӣ, тозафикрӣ ва дигар гуногунию умумиятҳои сохторҳои забонҳои баррасишаванда ба таври васеъи инъикос ёфтаанд.

Қобили зикри аст, ки унвонҷӯ зимни баррасӣ ва омӯзиши амалкардӣ воҳидҳои маъноӣ ва хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ на танҳо яке аз муҳимтарин қазияҳои амалии забоншиносиро ба риштаи таҳқиқ ва гардиши илмӣ кашидааст, балки, дар диссертатсия кӯшиш ба харҷ додааст, ки корбурди сленгҳои компютериро вобаста ба мақсад, вазъият ва шароити гуфтор муайян намояд.

Диссертатсия аз рӯйхати ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамият ва зарурати мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объекту предмети таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгониву нукоти асосии ба дифоъ пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, инчунин, саҳми шахсии муаллиф дар пажӯҳиши мавзуъ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст.

Боби якуми таҳқиқот ба **«Ташаккул ва таҳаввули лексикаи компютерӣ ва интернет дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** бахшида шуда, аз се зербоб таркиб ёфтааст. Дар боби мазкур ташаккули лексикаи технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, таҳаввулоти лексикаи компютерӣ ва таснифоти он, манбаъҳои лексикаи компютерӣ ва хусусиятҳои лексикографии он мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Муҳаққиқ дар ин боб оид ба пайдоиши компютерҳои фардӣ ва пешрафти технологияҳои иттилоотӣ, инчунин, роҷеъ ба рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ, ҷаҳонишавии Интернет ва зарурати ба низом даровардан ва стандартикунонии сленги компютерӣ маълумоти илман асоснокро овардааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Таснифи соҳавии лексика ва истилоҳоти технологияи иттилоотии даврони муосир»** унвон дошта, аз се зербоб иборат аст. Дар боби мазкур доир қабатҳои лексикаи компютерӣ ва технологияи иттилоотии даврони муосир, таснифоти сохтории истилоҳоти компютерӣ ва технологияи иттилоотӣ, вижагоҳои сохтории сленгҳои компютерӣ маълумот оварда шудааст. Ҳамчунин, таснифоти гурӯҳҳои мухталифи сленги компютерӣ, аз ҷумла, сленги шахсоне, ки ҳамаи соҳаҳои технологияҳои иттилоотиро хуб медонанд, сленги марбут ба корбарони компютер ва номҳои амали инсон ва вокуниши компютер, сленгҳои марбут ба номҳои таҷҳизот, қисмҳо ва ҷузъҳои компютер, сленги бозиҳои

компютерӣ, сленги интернетӣ, сленгҳои ҷиноятҳои компютерӣ ва иттилоотӣ корбаст шудаанд.

Боби 3-юми диссертатсия «**Сленгҳо ҳамчун қабати махсуси лексикаи компютерӣ**» номгузорӣ шуда, ба се зербоб ҷудо гардидааст. Боби мазкур ба таҳқиқи ташаккул ва таҳаввули сленгҳо дар лексикаи компютерӣ ва вижагиҳои хоси онҳо, инчунин, таҳлили вижагиҳои маъноӣ, луғавӣ ва сохтории сленгҳои компютерӣ бахшида шудааст. Диссертант зимни баррасии масъала оид ба пайдоишу густариш ва шаклгирии сленгҳои хоси компютер дар забони англисӣ маълумот дода, ҳумчунин, роҳҳои калимасозии онҳоро мавриди пажуҳиш қарор додааст.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи чоп омадааст.

Автореферат ва моқолаҳои нашршуда музмуну мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот хулосабандӣ гардида, ҳамзамон, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот бозгӯ шудаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мутобиқат менамояд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Ғафуров Зоир Саъдуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ арзанда аст.

Аз ин рӯ, вобаста ба диссертатсияи зикршуда комиссияи ташхис ба чунин қарор омад:

1. Диссертатсияи Ғафуров Зоир Саъдуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ барои ҳимоя тавсия дода шавад.

2. **Ба сифати муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ пешбарӣ карда шавад.

3. **Ба сифати муқарризони расмӣ:**

3.1. Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

3.2. Туйғонов Носир Ҳақбердиевич – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод карда шаванд.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои филологӣ, дотсент
узви шурои диссертатсионӣ Каримов Шухрат Бозорович

**Аъзоёни комиссияи ташхис:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
узви шурои диссертатсионӣ Матробиён Саодатшо Қосимзода

Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
узви шурои диссертатсионӣ Джамирова Леммара Иосифовна

«30» майи соли 2022.